**Такризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Бояд зикр кард, ки рисола ва автореферати он ба масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳои ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон тафаккури илмӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводҳои мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо роҳандозӣ намуда фикру андешаҳои худро такя ба нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳо пешниҳод кардашуда арзёби намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқат мекунанд.

Муҳиммияти мавзӯи тадқиқоти мазкур дар он аст, ки рушди зеҳн ва хотираи хонандагон дар раванди таълими яке аз вазифаҳои асосии рушди фаъолияти фаъолгардонии таълимӣ-маънавӣ ва шахсияти хонандагон ба шумор меравад.

Муҳиммияти таҳқиқоти Ализода Н.У. ҳамчунин имкониятҳои дидактикии ба ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон набуда ва истифодаи сусти ин имкониятҳоро дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ, коркарди нопурраи мушкилоти мазкурро дар адабиёти педагогӣ, хусусан дар ҷумҳуриямон, зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи имкониятҳои дидактикии таълимро дар раванди бартараф сохтани фаъолгардонии фаолияти мустақилонаи хонандагонро дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро мегирад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзуи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Мо метавонем арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ намоем:

Муҳақиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Асоси методологии таҳқиқотро қазияҳои асосгузорандаи фалсафа, педагогика, психология, инчунин санадҳои қонунгузории мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳое, ки ба азнавсозӣ ва муносибгардонии ҷараёни таълим ва тарбия равона шудаанд, ташкил доданд.

Навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот бо муайян намудани имконниятҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар татбиқи технологияи ташаккули тафаккури илмӣ тибқи истифодаи равандҳои фалсафӣ ва нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони мактабҳои ҳамагонӣ, зарурати ташаккули тафаккури илмии хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад. Омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд, муайян ва ҳамзамон дар бораи онҳо маълумот дода шудааст.

Мазмуни автореферат ва маводҳои нашршуда ба мазмуни рисолаи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд. Бояд зикр намуд, ки забон ва услуби баёни маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳимият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, равон ва устокорона иҷро карда шудааст.

Хизмати шахсии унвонҷӯ дар ташкили таҳқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳои аст, аз муайян кардани асосҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди сохтори педагогӣ ва маҷмӯи шароити педагогии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ,

роҳбари ба кори таҷрибавӣ - озмоишӣ, ба коркарди сохтори педагогии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон; таъмини ташкили илмӣ-методии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон иборат аст

Рисолаи илмии Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя намудан тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таълими
фанҳои табиатшиносӣ Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Холназаров Санг

**Суроға:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

Суроға: 735140, ш.Бохтар, кӯч.Айнӣ 67;
Тел: (+992-3222) 2-54-81, 2-22-53;
Почтаи электронӣ: bgu-1987@mail.ru;
Сомона: www.btsu.tj.

21.08.2025 с.